**Тақриз**

**ба диссертатсияи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар мавзӯи "Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик**

Пажӯҳиши таъсири Қуръон ва ҳадисҳои Паёмбар дар осори адабӣ ва хоса эҷодиёти адибони алоҳидае, чун Хоҷуи Кирмонӣ аз ҷумлаи масоили муҳим ва мубрами адабиётшиносӣ мебошад. Зеро таъсири Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ дар ашъори шоирон, бахусус, шоирони асри XIV хеле амиқ аст. Масъалаи мавриди назар, бо вуҷуди баъзе таълифоти алоҳида, то имрӯз ба таври густарда мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Аз миёни шоирони асри XIV, дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ таъсири оёти қуръони ва аҳодиси набавӣ хеле зиёд аст ва ба таҳқиқи алоҳидаю ҷамъбасткунанда ниёз дорад. Таҳқиқи мавзӯи мазкур азҷониби муҳаққиқи ҷавон- Сатторов Амирҳамза сазовори дастгирист.

Диссертатсияи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар маҷмӯъ ба пажӯҳиши масъалаҳои таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ бахшида шуда, ҳамзамон нуктаҳои таъйини нақши оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ ва омилу сабабҳои густариши онҳо, нақши оятҳои қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ, мақоми таҳмидия дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ, талмеҳоти қуръонӣ дар ғазалиёти шоир, калимот ва таркиботи қуръонӣ дар ғазалиёти шоир, ҳунари шоир дар талмеҳи шахсиятҳои қуръонӣ, таъсирпазирии Хоҷу аз ҳадисҳои набавӣ, ҳунари шоир дар истифода аз мазмуни ҳадисҳои набавӣ, ҳунари шоир дар иқтибос, ишора ва талмеҳ аз ҳадисҳои набавӣ, хусусиятҳои бадеии ашъори Хоҷу дар корбурди оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ, аҳаммияти эстетикӣ ва тарбиявии ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ баррасӣ гардидаанд.

Рисолаи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович **"Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ"** ҳам аз нигоҳи мавзӯъ ва ҳам аз лиҳози маводи пажӯҳишӣ дар раванди адабиётшиносии имрӯз иқдоми ҷолиб ва шоиста аст. Таҳқиқи ҳунари истифодаи ояҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷу ва муайян намудани мақоми Қуръону ҳадис дар адабиёти форсу тоҷик метавонад дар омӯхтани дигар масоили алоқаманд ба таҳаввулоти фарҳангии асри шоир ва таҳқиқи

ҳунари истифодаи оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ашъори дигар шоирони ориф мусоидат намояд.

Рисолаи мазкур, тавре ки аз мутолиаи он бармеояд, аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима муаллифи диссертатсия муҳиммияти масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, усули таҳқиқ ва сарчашмаҳои пажӯҳиш, навоварии он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои корро арзёбӣ намудааст.

**Боби аввали** диссертатсия **«Таъсирпазирии Хоҷу аз оятҳои қуръонӣ»** унвон дошта, аз чор бахш иборат мебошад. Дар бахши аввал унвонҷӯ доир ба таъсири Қуръону ҳадис ва дигар талмеҳоти динӣ ба адабиёт, бахусус, шеъру шоирӣ баҳс мекунад. Аз назари муҳаққиқ он таъсиррасонӣ ва дигаргуниҳое, ки дар ин давра дар адабиёт ба миён омадаанд, аз бисёр ҷиҳат ба авзои сиёсию иҷтимоии замон вобастагӣ доштанд. Бахусус, густариши дини ислом на танҳо ба шароити сиёсӣ-иҷтимоӣ, балки ба адабиёти форсу тоҷик низ таъсири мустақим расонид. Аз ин андешаҳои унвонҷӯ муайян мегардад, ки ӯ ба хубӣ аз уҳдаи ҳалли ин масъала баромадааст.

Фасли дуюми боби мазкур **«Талмеҳоти қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ»** унвон дорад. Дар ин фасл унвонҷӯ мақоми талмеҳоти қуръонӣ ва диниро муайян намуда, таъсири онро, ки дар пешрафт ва такомули шеъри форсӣ-тоҷикӣ таъсири амиқ расонидаанд, баррасӣ кардааст. Муаллифи диссертатсия муайян намудааст, ки тамоми шоирони асримиёнагии мо аз талмеҳоти қуръонӣ суд ҷуста, дар сурудаҳои хеш аз образҳои он ба таври васеъ истифода намудаанд. Аспирант муайян намудааст, ки Хоҷуи Кирмонӣ низ дар ғазалиёти худ аз талмеҳоти қуръонӣ истифода намуда, номи шахсиятҳои қуръонӣ, ки айнан дар шеър ба кор бурда бошад, мушаххас намудааст.

Муаллиф, дар ин фасл муайян намудааст, ки Хоҷуи Кирмонӣ дар сурудани ашъори ирфонӣ аз талмеҳоти қуръонӣ бо истифода аз оятҳои қуръонӣ ба таври мустақим ва ё ғайримустақим васеъ истифода намудааст. Бо далелҳо нишон додааст, ки бештари талмеҳоти қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷу аз қиссаҳои шахсиятҳои қуръонӣ, аз қабили Одам, Нӯҳ, Лут, Иброҳим, Довуд, Зулқарнайн, Луқмон, Мӯсо, Хизр, Идрис, Яъқуб, Юсуф, Марям, Исо, Муҳаммад, Аҳмад ва ғайра, ки қобили таваҷҷуҳ будааст, зикри қиссаи онҳо дар Қуръон ба таври васеъ баён шудааст, мебошад.

Дар фасли сеюм, ки **«Корбурди калима ва таркибҳои қуръонӣ»** мебошад, унвонҷӯ сабабҳои таҳаввули шеъру шоирӣ, таъсирпазирӣ ва истифодаи васеи калимаву таркибҳои қуръонӣ дар ғазалиёти шоирони ориф, бахусус, Хоҷуи Кирмониро арзёбӣ намуда, онҳоро дар чанд нуктаи асосӣ хулоса кардааст.

Аз ҷумла, дар асри XIV дини ислом густариш ёфта, тамоми кишварҳои Шарқ дини исломро ба сифати дини расмӣ шинохтанд; бо нашри ин дин аз ҷониби ҳокимону амирони давр нуфузи дини ислом дар ҷаҳони андеша ва тафаккури шоирони форсу тоҷик нақши худро гузошт; Қуръон яке аз муҳимтарин ва муассиртарин сарчашмаи фикрию фарҳангӣ дар шеър, бахусус, дар шеъри ирфонӣ қарор гирифт; дар кишварҳои мусулмоннишин аз миёни ҳама илмҳо бештар улуми исломӣ ва илми балоғат равнақ дошт; рақобати эҷодии миёни шоирони ҳавзаҳои адабии мавҷуд дар замони шоир бештар гашт; зуҳури тасаввуфу ирфон ва таъсири онҳо ба адабиёт беш аз пеш ба назар мерасад; шоирону нависандагони ин давр наметавонистанд, ки аз овардани иқтибос аз калимаву ибораҳои қуръонӣ дар ғазалиёташон сарфи назар кунанд; Хоҷуи Кирмонӣ низ аз зумраи он адибоне мебошад, ки дар ин аср ҳаёти худро сипарӣ намуда, аз ҳар ду илм баҳраи тамом доштааст.

Хулосаҳои унвонҷӯ дастоварди хуби илмӣ буда, тавонистааст, ки сабабҳои таъсири истифодаи таркибу ибораҳои қуръониро дар ғазалиёти шоир бо далелҳои муътамад баррасӣ намуда, муайян кардааст, ки Хоҷу дар аз номи сураҳои қуръонӣ ва мазмунҳои онҳо низ барои баёни андешаҳояш дар ғазалиёти худ ба таври васеъ истифода бурда, ҷиҳати расонидани мақсади хеш аз тамоми имконот истифода намудааст.

Дар фасли сеюми боби мазкур, ки **«Таҳмидия дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ»** унвон дорад, муаллифи диссертатсия дар он мухтасар перомуни таҳмидиясароӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ маълумот дода, нақши таҳмидия дар ашъори Хоҷуи Кирмониро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Унвонҷӯ дар ин замина истифодаи таркибу ибораҳои оятҳои қуръонӣ, мазмуни ҳадисҳои набавӣ ва сабабҳои истифодаи онҳо дар таҳмидияи Хоҷуро таъйин намуда, таърихи таҳмидия дар адабиёти форсии тоҷикӣ ва мазмуни онро нишон додааст, ки моводи муфиде барои муҳаққиқони минбаъда мебошад.

Муаллиф бо овардани далелҳо нишон додааст, ки Хоҷу дар сурудани таҳмидия суннати пешиниёнро идома дода, таҳмидияҳои ӯ бештар ирфонӣ ва саршор аз шӯру завқ ва сӯзи ишқу иштиёқ мебошад ва

андешаҳои каломию фалсафии шоир бо афкори ирфонияш омехта баён шудаанд.

Боби дуюми диссератсия, ки **«Истифодаи Хоҷуи Кирмонӣ аз ҳадисҳои набавӣ»** унвон дорад, аз ду фасл таркиб ёфтааст.

Дар фаслҳои аввал ва дуюми боби мазкур унвонҷӯ таъсири ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти шоирро ҳаматарафа мавриди таҳқиқ қарор дода, бо овардани далелҳо нишон додааст, ки то чи андоза Хоҷу дар истифода аз ҳадисҳои набавӣ дастболо будааст. Инчунин, оид ба таърих, мазмун, мақом ва ровиёни ҳадис маълумоти мухтасар овардааст, ки барои корбарии минбаъда низ муфид мебошад.

Дар фасли аввали боби дувум, ки **«Иқтибоси Хоҷуи Кирмонӣ аз ҳадисҳои набавӣ»** номгузорӣ гардидааст, аз ҷониби муаллиф оид ба маънӣ, мафҳум, мақом, манзалати ҳадис дар назди мусулмонон ва истифодаи шоирон, бахусус, Хоҷу аз он барои баёни ақидаи хеш андешаҳои ҷолиббаён шудааст. Унвонҷӯ бо овардани далелҳои мушаххас муайян намудааст, ки Хоҷуи Кирмонӣ аз зумраи он суханварон мебошад, ки, дар баробари истифода аз оятҳои қуръонӣ, аз ҳадисҳои Паёмбар низ барои баёни андеша истифода намудааст. Инчунин, дар ин бахш бо такя ба девони ғазалиёти Хоҷу унвонҷӯ намунаҳоеро, ки Хоҷу дар он аз ҳадисҳои набавӣ истифода намудааст, оварда, то чӣ андоза дуруст ва саҳеҳ будани андешаҳои мавҷуд перомуни ин масъаларо бо далелу бурҳон таҳқиқ кардааст.

Дар ин мавврид бояд тазаккур дод, ки ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти шоирони ориф, бахусус, Хоҷуи Кирмонӣ таъсири амиқ дошта, перомуни он дар рисола баҳси муфассал сурут гирифтааст.

Фасли дувуми боби дувуми диссертатсия **«Мазмуни ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ»** номгузорӣ шуда, аз ҷониби муаллиф мазмунҳои ҳадисҳои набавӣ, ки Хоҷу дар ғазалиёти худ истифода ва ишора намудааст, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои бадеӣ ва мушаххасоти ҳунари Хоҷу дар корбурди никоти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ»** ном дошта, аз ду фасл иборат мебошад. Фаслҳои он фарогири таҳқиқи масъалаҳои ҳунари шоирии Хоҷу, истифодаи оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ, таркибу ибора ва образҳои қуръонӣ, инчунин, мазмуну мухтавони Қуръону ҳадис дар ғазалиёти шоир, қудрату тавоноии Хоҷу дар истифода аз калимаву таркибҳои оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ баррасӣ ва мушаххас гардида, хусусиятҳои бадеии онҳо муайян карда шудааст.

Фасли аввали боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои бадеӣ ва мушхассоти шеваи сухани Хоҷу дар корбурди никоти қуръонӣ»** унвон дошта, ҳунари шоирии Хоҷу дар корбурди никоти қуръонӣ ва мушаххасоти шеваи сухани ӯ дар муқоиса бо дигар шоирони ориф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи диссертатсия дар такя ба девони ғазалиёти шоир муайян намудааст, ки Хоҷуи Кирмонӣ як умр бо Қуръон зиста ва ин китоби муқаддас барои ӯ, на танҳо китоби раҳнамо барои даст ёфтан ба саодати дуҷаҳонӣ, инчунин, манбаи илҳом мебошад, ки тору пуди ашъораш аз он сарчашма мегирад. Аммо он чизе, ки пайванди ногусастании Хоҷуро бо Қуръон нишон медиҳад, ҳамоно таъсири ин китоби муқаддас дар муҳтаво ва сохтору созмони дохилии шеъри ӯст. Аз ҷониби унвонҷӯ нишон дода шудааст, ки Қуръон яке аз муҳимтарин ва муассиртарин манобеъи фикрию фарҳангӣ дар шеъри форсии тоҷикӣ, арабӣ ва ирфони исломӣ буда, Хоҷу мазмунҳои қуръониро дар байтҳо ҷо карда ва гоҳе калимаву ибороти ин китоби осмониро айнан ба кор бурда, аз талмеҳоти зиёди пайғамбарон, ки сифати онҳо дар Қуръони маҷид омадааст, истифода намудааст. Инчунин, нишон дода шудааст, ки пеш аз Хоҷу шоирони дигар аз оятҳои Қуръон ва калимоту таркиботи он истифода кардаанд, аммо Хоҷу дар ин масъала, аз як сӯ, суннати пешиниёнро идома дода бошад, аз сӯйи дигар, дар ин амал навгониҳо дошта, дорои сабки хосси худ мебошад, ки муҳимтарин хусусияти ин сабк ҳамоно истифодаи як калима ба чанд маънӣ, ё худ иҳомгароист, ки дар корбурди калимоту таъбироти қуръонӣ низ ба назар мерасад. Муаллиф бо овардани мисолҳои мушаххас нишон додааст, ки ин шеваи сухан, ибтикори Хоҷу буда, шоирони муосири ҷавонаш чун Салмони Соваҷӣ, Носири Бухороӣ ва Ҳофизи Шерозӣ аз ӯ таъсир бардоштаанд ва Ҳофиз ин шеваро ба ҳадди камол расондааст.

Муаллифи диссертатсия фасли дуюми боби охирини рисоларо **«Хусусиятҳои бадеӣ ва мушххасоти ҳунари Хоҷу дар корбурди никот ва мазмунҳои ҳадисҳои набавӣ»** номгузорӣ намуда, тарзи сухани шоир дар корбурди никот ва мазмунҳои ҳадисҳои пайғамбар мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин боб дар баробари ғазалҳои форсии тоҷикӣ ашъори арабии шоир низ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, бо овардани мисолҳои мушаххас муайян намудааст, ки баъд аз Қуръони маҷид ҳадисҳои набавӣ дувумин сарчашмаи фикрию фарҳангии Хоҷу дар эҷоди шеър ба шумор меравад.

Аз баррасиҳои анҷомдодаи Satторов Амирҳамза Баҳодурович, ки дар асоси ахбори муаллифони сарчашмаҳо, пажӯҳишҳои муҳаққиқон, таҳқиқи ғазалиёти девони Хоҷуи Кирмонӣ сурат гирифтааст, маълум мешавад, ки Хоҷуи Кирмонӣ соҳиби сабки хос буда, бо ибтикороти худ дар ривоҷи шеъри ирфонӣ бо истифода аз вожаву таркибҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ саҳми муносиб гузоштааст.

Лозим ба ёдоварист, ки истифода аз мафҳум, таркибҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ қариб дар ашъори тамоми шоирони форсу тоҷик ба таври васеъ ба назар мерасад ва осори ин абармардони суханро бе истифодаи оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ тасаввур намудан амри муҳол аст. Ҳар яки ин бузургони сухан ин сарчашмаҳои нодирро дар ашъорашон истифода намудаанд, ки маҳорати суханофаринии онҳоро аён месозад.

Унвонҷӯ масоили мавриди назарашро оид ба таҷаллии истилоҳоти қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар шеърӣ форсӣ-тоҷикӣ нишон дода, муайян намудааст, ки ин таҷаллиёт дар ғазалиёти орифони шоир, амсоли Саноӣ, Аттор, Мавлоно ва шоирони ориф, амсоли Хоҷу, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофиз ва дигарон бештар мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, хулосаҳои ӯ дар бораи нақш ва ҷойгоҳу таъсири Қуръону ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ ва хунари истифодаи шоир аз ин ду манбаъ дар ғазалиёти ӯ дорои арзиши баланд буда, натиҷагириҳои ӯ низ, ки дар охири рисола омадааст, қобили мулоҳиза мебошанд.

Сатторов А. Б. дар ҷараёни тадқиқоти хеш маводи зиёд ва арзишманде гирд овардааст ва барои исботи андешаҳои хеш ба сарчашмаҳои адабию таърихӣ, динию ирфонии асримиёнагӣ, осори тадқиқотии адабиётшиносии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ва китобҳои динии, ки дар назди аҳли суннат, бахусус, назди пайравони мазҳаби Ҳанафӣ муътабар мебошанд, такя намуда, андешаҳои хешро доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзӯи мавриди назар баён намуда, гоҳо ба андешаҳои онҳо ба назари интиқод нигаристааст.

Рисола бо забони хеле хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи он заҳмати зиёде кашидааст, то ки дар атрофи ин мавзӯъ кори илмии судманде ба анҷом расонад. Феҳристи адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Унвонҷӯ ба хотири аниқу амиқ дарк гардидани муҳтавои ин ё он масъалаи дарпешгирифта, ҳар фаслро бо муқаддима оғоз намуда ва дар охир онро бо хулосаи хеле муъҷази илмӣ ҷамъбаст намудааст.

Ба ин тартиб, рисолаи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар таҳқиқ ва арзёбии таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ кори тоза ва бо далел буда, заминаро барои тадқиқоти ҷомеъ боз менамояд.

Дар рисолаи мавриди назар дар радифи дастоварду комёбиҳои фаровон баъзе нуктаҳои баҳсталаб мавҷуданд, ки ба андешаи банда ба назар гирифтани он боиси болоравии ҳусни рисола хоҳад гардид:

1. Дар муқаддима, зимни дараҷаи омӯзиши дараҷаи омӯзиши мавзӯъ ва ҳам дар китобнома дар бораи баъзе асару мақолаҳое, ки ба мавзӯи рисола бевосита дахл доранд, ягон маълумот нест ё муаллиф аз онҳо иттилоъ надорад. Чунончи, мақолаҳои устоди фақид, профессор Худой Шарифзода бо номҳои "Ислом ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ" ва Муқаддимаи маснавиҳои Низомӣ(Ниг.: Шарифов Х. Шоир ва шеър.- Д.: Адиб,1998. – С.3-22; 22-43), ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ таълиф ваҷоп шудаанд, барои унвонҷӯ роҳнамои хубе мебуданд.

2. Фасли аввали боби аввал, ки "Корбурди никоти қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ" ном дорад, ҳамагӣ панҷ саҳифа буда, танҳо яку ним саҳифаи охир ба мавзӯи асосӣ бахшида шуда, ду байт аз ғазалиёти шоир таҳлил шудааст, ки хеле кам буда, мавзӯъ ҳалношуда боқӣ мондааст.

3. Дар фасли дуюми боби аввал муаллифи рисола зимни баррасии талмеҳоти қуръонӣ Увайси Қаранӣ ва Ҳотами Тойиро низ ба гуруӯҳи шахсиятҳои қуръонӣ дохил кардааст, ки дуруст нест.

4. Мутаассифона, баҳси фаслҳои дуюму сеюми боби аввал қариб якхела буда, талмеҳоти қуръонӣ бо иқтибоси оёти қуръонӣ омехта таҳлил шудааст. Масалан, дар саҳифаи 32, 33, 34... ва ғайра. Хуб мебуд, ки ин масъалаҳо ба таври алоҳида баррасӣ мешуданд.

5. Гоҳо муаллифи рисола ба ҷои матни худи асар аз китобҳои дигар иқтибос меорад, ки ин хилофи амонатдории илмист. Чунончи, дар саҳифаи 27 рисола ду маротиба аз "Тафсири Табарӣ" дар мавриди Иброҳими пайғамбар чанд ҷумла иқтибос оварда шудааст, вале адабиёте, ки муаллиф ба он ишора менамояд, "Тафсири сад байти Ҳофиз"-и Партав Алавист. Ҳол он ки "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" ҳам дар Эрон ва ҳам дар Тоҷикистон чоп шудааст.

6. Ба назар мерасад, ки шинохти муаллиф аз сувари хаёл ва санъатҳои бадеӣ сатҳист. Зеро дар чанд ҷо ба ҷои тавсиф ва истиора ва гоҳо бе ҳеҷ далеле истилоҳи ташбеҳро ба кор мебарад (С.33, 38, ). Ё ин ки дар саҳифаи 140 менависад: "Таҷаллии истилоҳоти қуръонӣ навъи санъати

адабӣ буда...”. Ин навъи санъат шояд ихтирои худи муаллиф бошад ва дигар ин ки истилоҳ маъмулан якмаъно мешавад ва он мисолҳое, ки муаллиф овардааст, наметавон истилоҳ хонд.

7. Рӯйхати адабиёт ҳам аз нигоҳи миқдор ва ҳам аз нигоҳи тартибу қавоид таҳриру такмил мехоҳад.

8. Дар рисола ғалатҳои зиёди имлоию услубӣ мавҷуданд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд (С.5,7, 11, 18,19,20, 22,28....).

Камбудиҳои зикршуда арзиши рисолаи мавриди назарро намекоҳанд. Фишурдаи рисола, мақолаҳо ва гузоришҳои илмии муаллиф гувоҳи арзишмандии таҳқиқоти анҷомёфта мебошанд.

Мазмун ва муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 5 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Рисолаи Латторов А. Б. дар мавзӯи **«Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ»** тадқиқоти анҷомёфта буда, ҷавобгӯ ба талаботи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01. – Адабиёти тоҷик мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ, дотсент,**
**ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода”** **Низомӣ М. З.**

**Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад,73а**
**E-mail:nizomi73@mail.ru**
**Тел: +(992) 231-45-45**
**(992)918714350**

**Имзои доктори илмҳои филологӣ, дотсент**
**Низомӣ Муҳриддин Зайниддинро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус** **Ҳамидова З.**

**27.02.2021**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ